# ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ ба унвонҷӯи дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон»

Носиров Саъдулло Шукулоевич соли 1986 Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти рус хатм намудааст.

Носиров Саъдулло фаъолияти меҳнатиашро аз омӯзгори мактаби миёна оғоз кардааст. Аз соли 1986 то соли 2001 дар муассисаи таҳсилоти умумии №96-и ноҳияи Ҳисор ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёт, муовини директор оид ба корҳои таълиму тарбия ва баъдан дар вазифаи директори мактаби мазкур фаъолият намудааст.

Солҳои 2001 – 2004 дар вазифаҳои мудири шуъбаи маркетинг, директори Маркази таълимии «Садр» ва директори генералии Корхонаи фаръии корпоратсияи «Садр инк» (ИМА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ бурдааст. Баъди ин, фаъолияти Носиров Саъдулло дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ идома меёбад. Ӯ аз соли 2004 то соли 2010 дар Донишгоҳи байналмилалии Тоҷикистон (баъдан Донишкадаи технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионии Тоҷикистон) дар вазифаҳои гуногуни роҳбарикунанда, аз ҷумла ноиби президент оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, котиби Шурои директорони донишгоҳи мазкур, муовини декани факултети дипломатия ва журналистика, декани факултети муносибатҳои байналмилалӣ, муовини аввали ректор оид ба корҳои таълими Донишкадаи технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ фаъолият намудааст.

Тайи ин солҳо дар баробари касби омӯзгорӣ ва дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият бурдан, Носиров Саъдулло ба корҳои илмӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Махсусан, диққати ӯро масъалаҳои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон ҷалб месозад. Ин аст, ки ӯ дар ниҳояти кор мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон»-ро ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб мекунад.

Носиров Саъдулло соли 2010 ба Донишкадаи молияи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) ба кор мегузарад. Дар донишгоҳи мазкур дар вазифаҳои мудири шуъбаи тарбия, мудири шуъбаи илм ва равобити байналмилалӣ, дотсенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва педагогика, сардори шуъбаи табъу нашр,

дотсент ва мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ, сармутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим фаъолият намудааст.

Зимни таҳқиқот ва таълифи диссертатсия вазифаҳои муҳим, ба монанди муайян намудани дараҷаи коркарди илмии проблемаи дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълим; ошкор сохтани омилҳои педагогӣ ва психологии ба ташаккули тафаккури зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон мусоидкунанда; асоснок намудани омилҳои пешбари педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон; таҳияи барномаи омӯзиш ва ташаккули мафҳумҳои илмӣ; таҳқиқи имкониятҳои таълимии хонандагон дар ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ дар раванди таълим; ҷорӣ намудани шаклу методҳои нави таъминкунандаи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ ба анҷом расонида шудаанд. Ба тариқи озмоишӣ натиҷаҳои таҳқиқот оид ба шароити муосири татбиқи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ санҷида шуда, ниҳоят, дар асоси маълумотҳои бадастомада модули (барномаи) намунавии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон тарҳрезӣ гардидааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти Носиров Саъдулло аз он иборат аст, ки дар диссертатсия бо такя ба таҳқиқотҳои педагогҳо ва маҳз олимони дидактики ватанию хориҷӣ таҳлили назариявии проблемаи асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон муайян карда шудааст. Ғояи асосии диссертатсияро ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон ташкил дода, он давра ба давра дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ амалӣ гардидааст.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯӣ Носиров Саъдулло Шукулоевич худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос, ташаббускор ва эҷодкор муаррифӣ намуда, оид ба мавзуи диссертатсия дастуру васоити таълимӣ, методӣ ва ду монография аз чоп баровардааст.

Носиров Саъдулло Шукулоевич оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 63 мақола ба нашр расонидааст, ки 20-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комисссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия интишор ёфтаанд.

Унвонҷӯ Носиров Саъдулло дар конфронсҳои илмӣ-амалии минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок ва бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудааст. Ӯ дар фаъолияти илмиву ҷамъиятии донишгоҳ фаъолона ширкат меварзад, омӯзгори

соҳибтаҷриба ва таҳқиқгари навовар ба шумор рафта, байни ҷомеаи ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯю эътибор мебошад.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Носиров Саъдулло Шукулоевич теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва психологиро оид ба мавзуи таҳқиқот омӯхтаву таҳлил намуда, аз худ бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятнокӣ нишон додааст.

Диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» кори таҳқиқотии анҷомёфта маҳсуб ёфта, барои муҳокимаи аввалия пешниҳод карда мешавад.

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
мудири шуъбаи педагогика
ва таҳсилоти муосири Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон — Файз Гулмадов

11.09.2024

Маълумот барои тамос:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кучаи А. Адҳамов, 11/2.
Тел.: 988256514.
Почтаи электронӣ: gulmadov53@mail.ru

*Имзои Ф. Гулмадовро тасдиқ мекунам.*

Мудири бахши кадрҳо
ва коргузории АТТ — М. Саидова

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ